“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон
н.и.и, профессор_________ Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ
“___” ______________ 2022

**ХУЛОСАИ**
**Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон**

Диссертатсияи аспирант Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.04–Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Мавзӯи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон таҳти № 92 аз 09.10.2017 “К”, зери унвони “Ташаккули инфрасохтори электроэнергетикии рушди устувори иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” тасдиқ шуда буд бо сабаби афзудани самтҳои тадқиқот ба унвони мавзӯъ тағирот ворид гардид. Тибқи қарори Шӯрои олимони донишгоҳ таҳти №4 аз 27 ноябри соли 2020 мавзӯи рисолаи номзадӣ зери унвонӣ “Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” бо роҳбарии Авезова Маҳбуба Мухамедовна доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ тасдиқ гардид.

Тадқиқи муҳокимаи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2022, протоколи №11 муҳокима гардидааст.

**Арзёбии диссертатсияи аспирант.** Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна таҳқиқоти анҷомёфта ва мукаммал ба ҳисоб рафта, оид ба

механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ бахшида шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** инкишофи муқаррароти назариявию методӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори электроэнергетикии минтақа дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

**Вазифаи таҳқиқот.**

1. Муайян намудани моҳият ва таркиби мавҳуми “инфрасохтори электроэнергетикӣ”;
2. Дарёфт намудани механизми ташкилӣ–иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ;
3. Асосноккунии методии системаи индикаторҳои фаъолияти босамараи инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ;
4. Пешниҳод намудани роҳҳои баланд бардоштани самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ;
5. Таҳияи нуқтаи назарии илмӣ оид ба таъсири ҳолати инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди устувори иқтисодӣ;
6. Пешниҳод намудани роҳҳои баланд бардоштани самараи инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори он.

**Ба навовариҳои назарраси илмии диссертатсия нуқтаҳои зерин таалуқ доранд:**

- асоснок карда шуд, ки фаъолияти пурсамари инфрасохтори электроэнергетикӣ омили муҳими рушди устувори иқтисодиёт буда, дар ташаккул ва татбиқи нақшаҳои стратегӣ он бояд дар қатори омилҳои асосӣ ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат таърифи мафҳуми “инфрасохтори электроэнергетикӣ” ҳамчун маҷмӯи сохторҳои хидматрасонии ба ҳам алоқаманд ё иншооти электроэнергетикӣ, ки эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро бо нерӯи барқ қонеъ менамояд ва фаъолияти системаи иқтисодиётро муайян мекунад. Он дар фарқият аз тавсифоти мавҷуда, диққати аввалиндараҷаро на ба хусусияти истеҳсол ва истеъмоли нерӯи барқ, балки ба самараи фаъолияти иқтисодиёт бо роҳи таъмини он бо ҳаҷми зарурии захираҳои электроэнергетикӣ медиҳад.

- асоснок карда шуд, ки механизми ташкилӣ–иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири онро ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ду гурӯҳи омилҳои ба ҳам вобаста – омилҳои дохилӣ, ки самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикиро муайян мекунанд ва омилҳои берунӣ, ки таъсири инфрасохтори электроэнергетикиро ба рушди устувори иқтисодиёт муайян мекунанд, баррасӣ намудан мумкин аст. Арзёбии омилҳо аз рӯи гурӯҳҳои индикаторҳо гузаронида мешавад

- ба сифати меъёри арзёбии самараи нисбии иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ усули бенчмаркинги дохилӣ пешниҳод карда шуд, ки он нишон дод, ки ФҶСК "ШТБ" дар шаҳри Хуҷанд, ФҶСК "ШТБ" дар шаҳри Гулистон ва ШБ Бӯстон, ШБ Исфара зерсохторҳои бо самараи баландтарин фаъолиятбаранда мебошанд.

- таснифоти усулҳои мавҷудаи самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ гузаронида шуд ва дар асоси он методикаи арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ **Эд**–индикатори интегралии дохилӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ **Эб** – индикаторҳои интегралии берунӣ асоснок гардид.

- электроғунҷоиши нерӯи барқи вилояти Суғд ва сохтори саноатӣ арзёби, инчунин маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ аз сабаби маҳдуд будани дастрасӣ ба нерӯи барқ ва ҳаҷми зиёди талафоти он ҳисоб карда шуд.

Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардании натиҷаҳои дар рисола баёншуда:

Ҳамаи марҳилаҳои амалигардонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла асоснок намудани мубрамияти кор, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуданд. Муаллиф дар ҷараёни иншои диссертатсия таъсири инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди устувори иқтисодӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Муқаррароти назариявии диссертатсия дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар раванди омӯзиши фанҳои муаммоҳои электроэнергетикии Тоҷикистон, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (равияи энергетика) дар тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёти саноат ва энергетика истифода

бурда истодааст, (маълумотнома барои татбиқ тахти № 431 21-уми июни соли 2022) ва дар Раёсати назорати давлатии энергетикии минтақаи Суғд (маълумотнома барои татбиқ таҳти № 220 аз 28 июни соли 2022) истифода бурда истодааст.

Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсия аз он иборат аст, ки муқаррарот ва тавсияҳои амалии дар рисола баррасигардида метавонад дар таҳияи стратегияи рушди устувори иқтисодӣ, дар қисми механизми фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ нигаронида шудааст. Аҳамияти амалии тадқиқот бо истифодаи методологияи пешниҳодшудаи таҳияи механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти босамараи инфрасохтори электроэнергетикӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт дар Барномаҳои рушди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад.

Аз рӯи натиҷаи диссертатсия зиёда аз 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

Феҳристи интишороти дар мавзӯи диссератсия чопшуда:

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Ҳомидова М.И.** Фаъолияти самараноки инфрасохтори энергетикии минтақа ҳамчун омили рушди устувори он [Матн] / М.И Ҳомидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. - № 4. – С. 64 - 67.
2. **Ҳомидова М.И.** Инфрасохтори энергетикӣ – раванди тараққиёти он: муаммо ва роҳҳои ҳалли он [Матн] / М.И Ҳомидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. - № 4. – С. 131 - 134.
3. **Хомидова М.И.** Методология оценки эффективности функционирования электроэнергетической производственной инфраструктуры региона [Текст] /

М.М. Авезова, М.И. Хомидова // Международный научный журнал. Москва.:2020 № 5. С. 51-64.

4. **Ҳомидова М.И.** Таъсири омилҳои асосии электроэнергетикӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.И. Хомидова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2022г.№4 (60). С.92-103

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияхо чоп шудаанд:**

5. **Ҳомидова М.И**. Самтҳои асосии рушди энергетикаи минтақаҳо / М.И. Ҳомидова, У.Б.Одирматова [Матн] // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалии «Энергетикаи минтақа: ҳолат ва рушди дурнамо» / ДТТ М.С. Осимӣ.- Душанбе: 2019с. С-201-205.

6. Ҳомидова М.И. Ҳолати сифати қувваи барқ дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ш.А. Бобоев, М.И. Ҳомидова, // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалии «Энергетикаи минтақа: ҳолат ва рушди дурнамо» // ДТТ М.С. Осимӣ.- Душанбе, 2019с.С-197-201.

7. **Хомидова М.И.** Пути совершенствования механизма управления электроэнергетической инфраструктуры Согдийской области Таджикистана [Текст] / М.И. Хомидова // Proceedings of the XXIV International Scientific and Practical Conference Social and Economic Aspects of Education in Modern Society (Vol.1, December 25, 2020, Warsaw, Poland).с - **8 – 12.**

8. **Хомидова М.И.** Комплексная характеристика состояния производственной электроэнергетической инфраструктуры Согдийской области Республики Таджикистан [Матн] / М.И. Хомидова // Актуальные проблемы управления – 2020: - материалы 25 – й Международной научно – практической конференции. Вып. 2. – Москва : ГУУ, 2021 – 326 [1] с.

9. **Хомидова М.И.** Эффективность функционирования электроэнергетической инфраструктуры и региональное развитие [Матн]/ М.М. Авезова, М.И. Хомидова // Международная научно-практическая конференция «Электрические сети: надежность, безопасность, энергосбережение и экономические аспекты» матер. конф. (Казань 7 апреля 2021 г.) / 2021. 226 с. С – 7 – 12.

10.**Ҳомидова М.И.** Сарфакорона истифодаи қувваи барқ пешрафти иқтисодиёти кишвар [Матн] / «Муаммоҳои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок»/ М.И.Ҳомидова, А.К.Сангинов // Бӯстон 2019. С-136 -138.

11. **Ҳомидова М.И.** Рушди устувори энергетики моҳият ва роҳҳои татбиқи он [Матн] / М.И. Ҳомидова // «Муаммоҳои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок».Бӯстон, 2019.- С. 139 -140.

12. **Ҳомидова М.И.** Тараққиёти энергетика – тараққиёти мунтазами минтақа [Матн] / Ҳомидова М.И. //Маводҳои конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Логистика ва ҳамлу нақли мултимодалӣ: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо» Бӯстон , 2018. – С. 282 – 284.

13.**Ҳомидова М.И.** Кам намудани талафоти нерӯи барқ [Матн] / М.И. Ҳомидова, А.А.Акрамов // Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳолат ва мушкилоти асосии саноати кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон» Бустон, 2020.С. 109-110. 204с.

14.**Ҳомидова М.И.** Стратегияи энергосарфа дар асоси истифодаи манбаъҳои барқароршаванда / М.И. Ҳомидова, А. Умаров //Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳолат ва мушкилоти асосии саноати кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон» Бустон, 2020. С. 117-119. 20

15.**Ҳомидова М.И.** Энергосарфа – омили муҳими рушди саноатӣ [Матн] / М.И.Ҳомидова, У.Б.Одирматова // Форуми саноатӣ таҳти унвони «Қадамҳои устувор баҳри рушди саноати миллӣ» Бӯстон, 2021. 298с. С.198-201.

16.**Хомидова М.И**. Потери электроэнергии в распределительных сетях промышленных предприятий и методы их снижения / Хомидова М.И. Тошходжаева М., Мамуров А. // Международная научно-практическая конференция «Электрические сети: надежность, безопасность, энергосбережение и экономические аспекты» матер. конф. (Казань 22 апреля 2022 г.) / 2022.334 с. С – 237 – 243.

17. **Ҳомидова М.И.** Муаммоҳои муосири системаи электроэнергетикии Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли он [Матн] // М.И. Ҳомидова, Н.Абдилламидов, Паёми ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ // Маҷаллаи илмӣ – техникӣ 2017, №4 (5) 120с. 30 – 35саҳ.

18. **Ҳомидова М.И.** Усули ҳисоби таносуби печак ва буриши кӯндалангии сим барои трансформатори саноатии камиқтидор [Матн] // М.И. Ҳомидова , Н.Абдилламидов, Паёми ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ // Маҷаллаи илмӣ – техникӣ 2018, №2 (7) 120с. С.35-41.
19. **Хомидова М.И.** Влияние отклонения частоты в энергосистеме на работу электроприемников / Хомидова М.И. Маводи конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Мустақилияти энергетикӣ, раванди амалишавии лоиҳаҳои бузурги соҳа” Бӯстон, 2018-С-111-114.
20. **Ҳомидова М.И.** Рушди энергетикӣ – рушди иқтисодиёти мамлакат / М.И.Ҳомидова // Маводи конференсияи дуюми илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Технологияи муосир дар электроэнергетика ва саноат” ДПДТТ ба номи ак.М.С.Осимӣ Хуҷанд, 2018. – С.22 – 24.

Маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва зеҳни сунъӣ-и Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар ҳайти муқарризон:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷонов Д.Д.
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирова Ш.Р.
- номзади илмҳои иқтисоди, дотсент Облоқулов В.М.
- ҳамчунин даъватшудагон: д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ., д.и.и., профессор Раҳимов А.М., д.и.и., профессор Авезова М.М., д.и.т., профессор Розиқов З.А., н.и.и., н.и.и., профессор Маҳмадалӣ Бахтиёр, н.и.ф-м, профессор Қозиев К.С., н.и.т. Тошхӯҷаева М.А., н.и.ф-м. Қодиров А.А., н.и.т Шамсиев Р.М. ва н.и.т, дотсент Сулейманова Н.А.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст. Диссертатсия ҷабҳаҳои муҳими фаъолият ва асосҳои назариявии ташаккули рушди инфрасохтори электроэнергетикӣ инчунин пешниҳодҳои амалиро дороост.

2. Бо назардошти мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, эътимоднокии мавқеи илмӣ, тавсияҳои амалӣ, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада, тақризҳои мусбии муқарризони холис, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷонов Д.Д., н.и.и., дотсент Собирова Ш.Р. ва н.и.и., дотсент Облоқулов В.М. инчунин баромади роҳбари илмӣ д.и.и. профессор Авезова М.М. д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ., д.и.и., профессор Рахимов А.М., н.и.и. Сидиқов Н., н.и.и. Муҳаммадюсупова Ш., эродҳое, ки ҳангоми муҳокимаи диссератсия дар маҷлиси васеи факултет баён гардидааст, рисолаи илмии Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.

3. Назорати қарори мазкури Шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва зеҳнӣ сунъи-и Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба зиммаи раиси Шӯрои олимон, декани факултет н.и.и., дотсент Саидов М.К. вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва зеҳни сунъ-и Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2022, протоколи № 4 қабул гардидааст.

Дар маҷлиси васеъ иштирок доштанд 32 нафар, аз онҳо 10 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факултет иқтисодиёт ва зеҳни сунъӣ, бо ҳуқуқи додани овоз. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”- 10 нафар; “зид”-нест; “бетараф”-нест.

Раиси маҷлис,
декани факултети иқтисодиёт ва зеҳни сунъӣ
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Саидов М.К.

Муқарриз,
д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Бобоҷонов Д.Д.

ДДҲБСТ
имзои д.и.и. проф. Бобоҷонов Д.Д.-ро тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо И. Мирмоҷоев

Муқарриз,
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон — Собирова Ш.Р.

Муқарриз,
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон — Облоқулов В.М.

Котиби маҷлис: муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон — Ниёзова С.К.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон н.и.т., дотсент — Сулейманова Н.А.

Суроға:
735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Суғд, Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ш.Бӯстон к.А.Баротов 6,

Протокол №4

Маҷлиси ғайринавбатии факултети иқтисодиёт ва зеҳни сунъӣ-и Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

18-уми ноябри соли 2022 ш.Бӯстон

**<u>Иштирок доштанд</u>:** аз 10 нафар аъзоёни аъзои Шӯрои олимони факултет ҳама иштирок доштанд. Дар маҷлис теъдоди зиёди даъватшудагон низ иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад, пешниҳоде ҳаст? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>**

Баррасии диссертатсияи Ҳомидова М.И. дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Довталаби илм Ҳомидова М.И. бо маърӯзаи худ бораи мазмуни асосии кори диссертатсионӣ баромад намуд. Сипас, саволу ҷавобҳо шурӯъ гардиданд.

Муқарризон д.и.и., профессор Бобоҷонов Д.Д., н.и.и., дотсент Собирова Ш.Р. ва н.и.и., дотсент Облоқулов В.М. баромад намуданд. Онҳо тавассути тақризи худ кори диссертатсионии Ҳомидова М.И.-ро мусбат арзёбӣ намуданд.

**<u>ҚАРОР КАРДА ШУД:</u>**

1. Диссертатсияи Ҳомидова М.И. дар мавзӯи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст, кори диссертатсиониро дар худ таҷассум менамояд.
2. Кори диссертатсионии мазкур ба экспертизаи давраи минбаъда пешниҳод карда шавад.

Раиси маҷлис Саидов М.К.

Котиби маҷлис Мирсаидова Ф.А.

Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Управление кадров и специальных дел
Горно-металлургический институт Таджикистана